**СУРАТМАҶЛИСИ № 27.2.**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6Д.КОА-012**
**назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

14 сентябри соли 2024 ш. Душанбе

Ҳайати шуро бо шумораи 16 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 июни соли 2024, № 173/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро, дар ҷаласа 14 нафар аъзо иштирок доштанд, ҳамаи онҳо доктори илм, аз он ҷумла 4 нафар мутахассис аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда.

**ШУНИДА ШУД**: Ҳимояи диссертатсияи Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901 - Иқтисодиёти меҳнат).

**Мавзӯи диссертатсия:** «Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)».

Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Қурбонов Абдулхайр Каримович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Раҷабов Раҷаб Кӯчакович** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, узви шурои диссертатсионӣ, мутахассис аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда;
2. Рустамов Раҳим Умаршоҳович номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

Ба автореферати диссертатсия 4 тақриз ворид гардид. Ҳамаи тақризҳо мусбатанд.

Ба довталаб 13 савол дода шуд. Саволҳо аз ҷониби аъзои зерини шуро пешниҳод гардид: Аминов И., Дӯстбоев Ш., Абдуғаффор Р., Амонова Д.С., Фақеров Ҳ.Н., Зубайдов С., ва Толибзода Қ.Қ.

**Дар муҳокима иштирок намуданд:** д.и.и., профессор Дустбоев Ш., д.и.и., профессор Амонова Д.С., д.и.и., профессор Ҷабборов А., ва д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н.

**Ба ҳайати комиссияи ҳисоб интихоб шуданд:** д.и.и., профессор Зубайдов С. (раис), д.и.и., профессор Дӯстбоев Ш. ва д.и.и., профессор Муқаддасзода Ф. М.

***қарор қабул карда шуд:***

1. Диссертатсияи Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович дар мавзуи «Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901 - Иқтисодиёти меҳнат), ба талаботи муқарраргаштаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои доктори фалсафа (PhD) тибқи *Тартиби додани* дараҷаҳои *илмӣ*, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд.
3. Ба Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Исвалиев Бахтиёр Ҷурахоновичро бо дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) сарфароз намояд.

Кӣ тарафдори қарори шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳед. Тарафдор? 13- нафар. Зид 1 нафар? Бетараф? - Нест.

Қарор қабул гардид (13 нафар тарафдор).

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., дотсент** **Толибзода Қ.Қ.**

**Котиби илмии шуро,**
**н.и.и., дотсент** **Машокиров Ҷ.Н.**